**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК: 325.11 (470+575.3)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ББК: 60.7 (2Р+2Т)**

**Ш – 49**

**ШЕРОВ ШОДИҶОН САЛУМАТШОЕВИЧ**

# «РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ ДАР СОҲАИ МУҲОҶИРАТ»

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси: 23.00.04 -
масъалаҳои сиёсӣ муносибатҳои байналмилалӣ: рушди
ҷаҳонӣ ва минтақавӣ

**ДУШАНБЕ – 2021**

Диссертатсия дар шўъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбарони илмӣ:** **Искандаров Акбаршо** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор мудири шўъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Иниститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
**Маҳмадбеков Моёншо Шодмонович,** номзади илмҳои сиёсӣ, Директори муассисаи давлатии Пажуҳишгоҳи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Каримов Шамсиддин Турсунматович,** доктори илмҳои сиёсӣ, Директори Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон
**Ҳаитов Фирдавс Қаюмович,** номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДССХТ

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи давлатии **«Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон»**

Ҳимояи диссертатсия санаи 1 октябри соли 2021, соати 10:00 дар ҷаласаи Шўрои диссертатсионии (6D.KOA-030)-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суроға Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш, Душанбе, хиёбони Рўдакӣ, 17 баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ё дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон https://www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” ___________ соли 2021 фиристода шудааст.

**Котиби илмии Шўрои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои сиёсӣ., дотсент** **Раҷабов И.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ**. Муҳоҷирати аҳолӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши муҳимро мебозад. Вай ҳамчун манбаи асосии робитаҳои байнидавлатӣ дар шароити муосир буда, боиси инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва одамон, алалхусус соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мегардад.

Муҳоҷират имрӯз ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил гардида, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Сабаби асосии ин ба тараққиёти наборобари мамлакатҳои дунё вобаста аст, ки аҳолии мамлакатҳои сусттараққӣ рӯ ба мамлакатҳои тараққикарда меоранд. Омилҳои асоси ин зуҳурот дар фарқияти калони сатҳи маош, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи маорифу маълумотнокӣ ва нишондиҳандаҳои демографӣ мебошад.

Агар вазъи кунунии муҳоҷиратро дар мамлакат мушоҳида кунем, бузургтарин ҷараён муҳоҷирати меҳнатӣ маҳсуб мегардад. Ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тасаввур кардан номумкин аст, зеро бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ҷорӣ барои таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат бо кор қодир нест. Пас барои истифодаи нерӯи худ аҳолии қобили меҳнат ба бозори меҳнати кишварҳои хориҷӣ рӯ меорад.

Раванди муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа асосан дар охирҳои асри XX дар баробари аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ гардид, ки тадриҷан дар миёни тамоми аҳолӣ паҳн шудааст. Қобили зикр аст, ки аҳолии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ низ тавассути роҳхатҳои корӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия ва Қазоқистон ҷалб мешуданд, ки муҳоҷирони дохилӣ маҳсуб мегардиданд.

Тибқи омори Хадамоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол тақрибан шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ бештар аз 600 ҳазорро ташкил медиҳад. Бино ба маълумоти омори муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба Федератсияи Россия (96%), Қазоқистон (2,5%) ва боқӣ ба Қирғизистон, Украина, Белоруссия, Корея, Америка ва дигар кишварҳо, (1,5%) ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунанд[1].

Мубрамияти мавзӯъ боз дар он ифода мегардад, ки сабаби асосии тақвияти муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ сатҳи пасти музди

[1]Маҳмадбеков, М.Ш., Муҳоҷиратшиносӣ. [Матн] / М.Ш. Маҳмадбеков, С. Мирзоев, П. Ҳакимов, – Душанбе, Матбааи ДМТ. 2020. С-50.

меҳнат дар бозори дохилӣ нисбат ба бозори меҳнатии хориҷӣ мебошад. Дар ин ҷо омилҳои иқтисодӣ таъсири аввалиндараҷа доранд, чунки аз рӯи нишондиҳандаҳои пешниҳод намудаи Бонки ҷаҳонӣ, ҳамасола муҳоҷирон ба ватани худ маблағҳои калони пулиро равон мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки имрӯзҳо муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирон яке аз сарчашмаҳои афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, дар ҳолати ҷорӣ намудани сиёсати самараноки муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои вобаста ба таҳлили назариявии мафҳум ва моҳияти муҳоҷират баҳсталаб боқӣ мондааст. Мавҷудияти маънидодкунии гуногунии таърифи муҳоҷират, мавқеи олимон ва роҳу равишҳои тадқиқот муҳиммияти мавзӯъ ва зарурияти интихоби мавзӯъро тақозо менамоянд.

Мубрамияти мавзӯъ дар он аст, ки чаро маҳз аксарияти шаҳрвандони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, алалхусус шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ меоваранд, зеро ба назари мо даромаднокӣ дар Россия нисбати дигар кишварҳои пасошӯравӣ беҳтар арзёбӣ карда мешавад.

Масъалаи дигаре, ки имрӯзҳо миёни муҳаққиқон баҳсбарангез гардидааст, ин вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон мебошад. Вале ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зери назорати ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳангоми сафарҳои хориҷии худ Сарвари давлат ба масъалаи ҳузур ва фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар давлатҳое, ки сафар кардаанд, диққати махсус дода, бо мақсади таъмини ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии онҳо иқдомҳои ҷиддӣ роҳандозӣ мекунанд.

Дар раванди таҳқиқ мо асосан ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия таваҷҷуҳ зоҳир намудем, зеро дар даврони соҳибистиқлолӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ ба ҷанбаҳои назариявии муҳоҷират таваҷҷуҳ зоҳир гардида буд. Бояд қайд кард, ки омӯзиши масъалаи муҳоҷират дар байни ин ду кишвар аввалин буда, бори нахуст мавриди таҳлилу баррасӣ гирифтааст.

Ҳамаи инҳо оид ба зарурияти тадқиқоти илмии ин зуҳурот, коркарди роҳҳои нави омӯзиш ва муайян кардани механизми амалкунандаи танзими он на танҳо дар доираи сиёсати кишвар, балки дар сатҳи байналхалқӣ шаҳодат медиҳанд.

Вазъи муосири масъалаҳои дар боло зикргардида далели нокофӣ будани омӯзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, инчунин сабаби мавзӯи актуалӣ гардидани масъала мебошад.

**Сатҳи омӯзиши мавзӯи диссертатсионӣ:** рӯйхати адабиётҳои илмии истифодашуда ва таҳлилгардидаро мо ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудем, ки онҳо чунинанд:

**Ба гурӯҳи якум** метавон таҳқиқотҳои олимони Ғарбро дохил намуд, зеро онҳо пайдоиш, сабабҳо ва омилҳои муҳоҷиршавии аҳолиро мавриди омӯзиш қарор додаанд, ба монанди Д.Ҷ. Богуе, Е. Равенштайн, Е.С. Ли, У. Петерсон, П. Ҷорҷдар, Р.М. Прозеро, Я. Уолперт ва Я. Мангалам,[2] ва дигарон мебошанд.

Моҳияти муҳоҷират дар андешаҳои олимону асосгузорони назарияҳои сиёсӣ фаҳмотару равшантар мегардад. Масъалаи ангезаҳои ҷойивазкунии муҳоҷирати аҳолӣ дар осори Я. Мангалам қайд гардидааст, ки “ҳамгироии муҳоҷиратӣ дар ҳама гуна намуд ва фазо низ метавонад муфид бошад ва ангезаҳои ҷойивазкунӣ монанди энергияи потентсиалӣ аст, ки шабеҳи энергияи кинетикӣ мебошад”[3].

Р. Козинский ва М. Прозеро, дар таҳқиқотҳои худ кӯшиш намудаанд, то дар чаҳорчӯбаи омилҳои ибтидоӣ омилҳои эндогенӣ ва эгзогении муҳоҷиратро тасниф намоянд[4].

---

[2]Mangalam, J.J. Human migration: a guide to migration literature in English 1955-1962 [text] / J.J. Mangalam, Lexington [Ky.] University of Kentucky Press, 1968. 194 p; Bogue, D.J. Principles of demography. [text] / Bogue, D.J. Publisher New York, 1969. 917 p; Ravenshtein, E. The Birthplace of the People and the Laws of Migration. / E. Ravenshtein, // The Geographical Magazine – 1889, №3; p.172-233. Kosinski R. Prothero M. “People on the move”. Studies on internal migration, edited by Leszek A., By Methuen & Co Ltd. [text] / R. Kosinski M. Prothero. London, Methuen young books, 1975.393 p.; Lee, E.S. A theory of migration. [text] / E.S. Lee, Demography, 1996. p. 257; Wolpert, J. Distance and directional bias in inter urban migratory streams rural migration. [text] / J. Wolpert, Vol. 57, No. 3 (Sep., 1967), pp. 605-616; George, P. Types of migration of population according to the professional and social composition of migrants, in Jansen, C.J. (ed.) Readings in the sociology of migration. [text] / George, P. Oxford.1970. pp. 39-47.

[3]Mangalam, J.J. Human migration: a guide to migration literature in English 1955-1962 [text] / J.J. Mangalam, Lexington [Ky.] University of Kentucky Press, 1968. 194 p;

[4]Kosinski R. Prothero M. “People on the move”. Studies on internal migration, edited by Leszek A., By Methuen & Co Ltd. [text] / R. Kosinski M. Prothero. London, 1975.393 p;

Е.С. Ли оиди сабабҳо ва омилҳои муҳоҷиршавии аҳолӣ таҳқиқотҳо намуда, қайд менамояд, ки “сababи асосии муҳоҷирати аҳолӣ ба омилҳои иқтисодӣ вобаста буда, ҳамчунин маскуншавии муҳоҷирон ба идроки фард ва рафтори фард вобаста аст” [5].

Я. Уолперт, чунин мешуморад, ки дар муҳоҷиршавии аҳолӣ «ҷойи муфид»-ро фоидаҳои бадастовардаи фард дар асоси омилҳои муҳоҷират ташкил медиҳад»[6].

Муҳоҷиратшиноси аврупоӣ П. Ҷорҷ дар муҳоҷирати аҳолиро ҳамчун ҷойивазкунии ҷуғрофӣ номида, сабаби муҳоҷиршавии аҳолиро таъсири омили географӣ медонад.[7]

Д.Ҷ. Богуе, сабабҳои муҳоҷиратро дар осори хеш ба се гурӯҳ ҷудо намудааст. Аз ҷумла “ба гурӯҳи аввал шароит ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷиршавии аҳолӣ; ба гурӯҳи дуввум тағйир додани технологияи истеҳсолот ва таъсири он ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва дар гурӯҳи саввум танзими муҳоҷират ва таъмини шароити хуби иҷтимоиро барои муҳоҷирон нишон додааст”[8].

**Ба гурӯҳи дуввум** осори олимони рус ба мисли В.И. Переведенсев, Л.Л. Рибаковский, В.А. Ионцев, А.Н. Каменский, Б.М. Моисеенко, Э. Макклейн, М.Б., Денисенко, К.А Семенов,[9] ва

---

[5]Lee, E.S. A theory of migration. [text] / E.S. Lee, Demography, 1996. 257 p.

[6]Wolpert, J. Distance and directional bias in inter urban migratory streams rural migration. [text] / J. Wolpert, 1967. p.118;

[7]George, P. Types of migration of population according to the professional and social composition of migrants, in Jansen, C.J. (ed.) Readings in the sociology of migration. [text] / George, P. Oxford.1970. pp. 39-47.

[8]Bogue, D.J. Principles of demography. [text] / Bogue, D.J. Publisher New York, 1969. 917 p;

[9]Переведенцев, В.И. Методы изучения миграции населения АН СССР. Ин-т междунар. рабочего движения. [Текст] / В.И. Переведенцев – М.: Наука, 1975. 229 с. Рыбаковский, Л.Л. Методологические вопросы прогнозирования населени. [Текст] / Л.Л Рыбаковский – М.: Статистика, 1978. 208 с. Ионцев В.А. Международная миграция населения в России: уроки Каир [Текст] / В.А Ионцов, А.Н. Каменский //– М.: МАКС-Пресс, 2004. Вып. 12. 192 с. Моисеенко, В.М. Внутренняя миграция населения [Текст] / Моисеенко, В.М // МГУ им. М.В. Ломоносова. Центр по изучению проблем народонаселения. - М.: ТЕИС, 2004. – 285 с. Моисеенко В.М. Вопросы изучения миграции в России во второй половине XIX—начале XX веков / Моисеенко, В.М // В кн.: Миграция и развитие. Пятые Валентеевские чтения. Сборник материалов международной конференции 13-15 сентября 2007 г. Москва, МГУ. М.: СП Мысль, 2007. Денисенко М.Б., Миграциология. / [Текст] М.Б., Денисенко, В.А. Ионцев, Б.С. Хорев, - М.: Изд-во МГУ, 1989. -414 с. Денисенко

дигарон дохил мешаванд, ки дар ин ҷода корҳои назаррас анҷом додаанд,.

В.И. Переведенсев ва В.М. Моисеенко, дар асарҳои худ равиши равоншиносии муҳоҷирати аҳолиро дар асоси ангезавии муҳоҷират мавриди омӯзиш қарор дода, ба таҳқиқоти гурӯҳӣ ва фардии ангезаҳо, ки рафтори муҳоҷиршавии субъектро муайян мекунад, такя намудааст[10].

В.А. Ионцев ва А.Н. Каменский, дар асари худ асоси омӯзиши муҳоҷиратро муайян намуда, 17 равиши омӯзиши муҳоҷиратро нишон додаанд, аз ҷумла “равишҳои системавӣ, ҷуғрофӣ, генетикӣ, биологӣ, этнографӣ” ва ғайра[11].

Е.Б. Бреева, дар хусуси равиши демографии муҳоҷират қайд мекунад, ки: «муҳоҷирати аҳолӣ ҷойивазкунии одамон тавассути марзҳо ё дигар ҳудуд бо тағйирёбии абадӣ ё нисбатан тӯлонии ҷои истиқомат, ё бозгашти мунтазам ба он фаҳмида мешавад».[12]

Раванди иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷират дар осорҳои Г.С. Витковская, Ж.А. Зайончковская, Л.Л. Рибаковский дарҷ гардидаанд. Олимони зикршуда ин равиши муҳоҷиратро, яке аз танзимкунанди асосии аҳолии қобили меҳнат ва ангезаи азнавтақсимкунии захираҳои меҳнатӣ вобаста дониста, ба сатҳи касбияти онҳо зоҳир намудаанд. Ҳамчунин дар бозори қувваи корӣ рақобатро ба вуҷуд меорад ва ба ин восита тағйироти сифатии онро мувофиқи талаботи ҷомеа нишон додаанд[13].

---

М. Б. Механизмы регулирования трудовой миграции. / [Текст] М.Б., Денисенко - М.: МАКС Пресс, 2011. 64 с. Денисенко, М.Б, Демография: Учеб. Пособие, / [Текст] М.Б. Денисенко, Н.М. Калмыкова, // – М.: ИНФРА-М, 2007. 424 с. Семенов, К.А. Международные экономические отношения. / [Текст] К.А. Семенов, - М.: Гардарика, 1998. 336с.

[10]Переведенцев, В.И. Методы изучения миграции населения АН СССР. Ин-т междунар. рабочего движения. [Текст] / В.И. Переведенцев – М.: Наука, 1975. 229 с Моисенко В. М. Права человека: миграция и мигранты в России / [Текст] В.М Моисенко, Миграция – М., 1998. №3-4. – С.53-56;

[11]Ионцев, В.А. Международная миграция населения в России: уроки Каир [Текст] / В.А Ионцов, А.Н. Каменский.– М.: МАКС-Пресс, 2004. Вып. 12. 192 с.

[12]Бреева, Е.Б.Основы демографии [Текст]: уч. пособие / Е.Б. Бреева. - М.: Дашков и К, 2004.132 с.

[13]Витковская, Г.С. Незаконная миграция в регионе ВЕЦА: тенденции и структура // Тенденции в области миграции в странах Восточной Европы и Центральной Азии. Обзор за 2001-2002 годы. МОМ, Женева, 2002: 27-35 с. Миграция населения в постсоветских государствах. Аннотированная библиография российских изданий 1992-1997 гг. / [Текст] Ж.А. Зайончковская,

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳо ва таҳқиқоти олимони ватанӣ дохил мешаванд. Муҳаққиқони тоҷик: О. Коситов, Х. Умаров, Р. Улмасов, С.И. Исломов, Ф.С. Исломов, Г.Н. Зокиров, М.Ш. Маҳмадбеков, З. Ҳакимов ва С. Олимова[14], ки ҷанбаҳои алоҳидаи муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд.

Махсусан, дар асарҳои О. Коситов, Ф.С. Исломов, П. Ҳакимов, ба ҷанбаҳои микдории муҳоҷирати дохилӣ таваҷҷуҳ шуда, аммо таъсири он ба динамикаи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ арзёбӣ нашудааст[15].

Дар корҳои илмии М.Ш. Маҳмадбеков ва Г.Н. Зокиров бештар ба ҷанбаҳои сиёсии муҳоҷирати аҳолӣ диққат дода шудааст[16].

---

Г.С. Витковская, И.М. Бадыштова. // Московский Центр Карнеги. М., 1998: 185 с. Витковская, Г.С. Вынужденная миграция: проблемы и перспективы. Институт народнохоз. Прогнозирования РАН: Лаб. по исслед. миграции; РЭНД. (США). [Текст] / Г.С.Витковской - М.,1993. 174 с. Рыбаковский, Л.Л. Методологические вопросы прогнозирования населени. [Текст] / Л.Л Рыбаковский – М.: Статистика, 1978. 208 с.

[14]Олимова, С. Трудовая миграция из Таджикистана. / [Текст] С. Олимова, И. Боск – Душанбе, МОМ, 2003. 128 с. Коситов О. Миграция населения Таджикской ССР. / [Текст] О. Коситов // – Душанбе, 1976. 81 с; Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование). / [Текст] Х. Умаров., Р. Ульмасрв // – Душанбе: Ирфон, 2006. 102 с; Ульмасрв, Р.- символ эпохи. / [Текст] Р. Ульмасов, Сборник статьей. Душанбе «Ирфон» - 2020. – 264 стр. Исломов, С.И. Демография Таджикистан в переходной экономике. / [Матн] С.И. Исломов. М Мирджамолов – Душанбе, 1999; Исломов Ф.С. Некоторые проблемы миграции населения Республики Таджикистан в переходный период. / [Матн] Ф.С. Исмоилов – Душанбе, 1999. 134 с. Зокиров, Г.Н. Масъалаҳои миллию сиёсии муҳоҷирати ахолӣ дар Тоҷикистон. / [Матн]. Г.Н. Зокиров // - Душанбе: Сино, 1995. – 240 с. Маҳмадбеков М.Ш. Муқаддимаи муҳоҷиратшиносӣ. / [Матн] М.Ш. Маҳмадбеков – Душанбе, 2013. С. 87. Ҳакимов П. Внутренняя миграция как фактор социально-экономическоого развития (на пример Республики Таджикистан). / [Текст] П. Ҳакимов, - Диссертация на, к.э.н., Душанбе, 2011. 179 с.

[15]Коситов О. Миграция населения Таджикской ССР. / [Текст] О. Коситов – Душанбе, 1976. 81 с; Исломов Ф.С. Некоторые проблемы миграции населения Республики Таджикистан в переходный период. / [Матн] Ф.С. Исмоилов – Душанбе, 1999. 134 с. Ҳакимов П. Внутренняя миграция как фактор социально-экономическоого развития (на пример Республики Таджикистан). Диссертация на, к.э.н., Душанбе, 2011. 159 с.

[16]Маҳмадбеков, М.Ш., Муҳоҷиратшиносӣ. [Матн] / М.Ш. Маҳмадбеков, С. Мирзоев, П. Ҳакимов – Душанбе, Матбааи ДМТ. 2020. 190 с. 1995; Зокиров, Г.Н. Масъалаҳои миллию сиёсии муҳоҷирати ахолӣ дар Тоҷикистон. / [Матн]. / Г.Н. Зокиров - Душанбе: Сино, 1995. – 240 с.

Дар хусуси муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ва сабабҳои объективии он дар таҳқиқотҳои Р. Ӯлмасов, З.З. Султонов, С.О. Олимова махсус қайд гардидааст[17].

Дар осори доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Искандаров Акбаршо Искандарович сабабҳои муҳоҷирати аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла муҳоҷиршавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳқиқот намуда, шакли дурусти омилҳои муҳоҷиршавии онҳоро нишон додааст: аз ҷумла мавсуф омилҳои сиёсӣ аз байн рафтани ИҶШС ва бесарусомонӣ дар як қатор давлатҳои пасошӯравиро, ки боиси муҳоҷирати сиёсӣ гардид, таҳлил намудааст[18].

Дар таҳқиқотҳои илмии Р.Ш. Нуриддинов омилҳои сиёсии муҳоҷиршавии аҳолӣ аз лиҳози геополитикии минтақа шарҳ дода шудааст[19].

**Ба гурӯҳи чорум** рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба мисли Г.Н. Зокиров, М.Ш. Махмадбеков, Е.А. Назарова, К.С. Одинаев, А.В. Соколникова, Л.Ю. Понежина[20] ва дигарон дохил мешаванд.

---

[17]Олимова, С. Трудовая миграция из Таджикистана. / [Текст] С. Олимова, И. Боск // – Душанбе, МОМ, 2003. 128 с. Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование). / [Текст] / Х. Умаров., Р. Ульмасрв – Душанбе: Ирфон, 2006. 102 с;

[18]Искандаров А.И. Родники дружбы (записки посла) / А.И.Искандаров. М.: Международные отношения, 2000. – 296 с; Искандаров А.И. Интеграция в Центральной Азии: политические аспекты / А.И.Искандаров - Душанбе, “Ирфон”, -2007. -376с;

[19]Нуриддинов, Р.Ш. Что такое национальное безопасность для современной России. [Текст] / Р.Ш. Нуриддинов // Общество и этнополитика. – Новосибирск: СибАГС, 2008. – 282 с, 242; Нурриддинов, Р.Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ. [Текст] / Р.Ш. Нурриддинов, - Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – 352с.; Нуриддинов, Р.Ш., Нуриддинов, П.Р. Геополитика. [Текст] / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов, Душанбе: Эр-граф, 2016 – 364 с.

[20]Зокиров, Г.Н. Миграционная подвижность населения и сближение социалистических нации (на примере Таджикской ССР): Автореф. дисс. / [Текст]. Зокиров Г.Н - М., 1998. 240с. Махмадбеков, М.Ш. Миграционные процессы: сущность, основные тенденции и их особенности в современном обществе. дис.п.н.с, / [Текст]. М.Ш. Махмадбеков. - Душанбе. 2010. 165 с. Назарова, Е.А. Социальная адаптация вынужденных переселенцев и беженцев в Российской Федерации: социологический анализ: Дисс. канд. социол. наук. / [Текст] Е.А. Наварова - М., 1998. 187 с. Одинаев, К.С., Асосҳои назарявии тамоюлҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ., / [Матн] К.С. Одинаев // дис.н.и – Душанбе, 2018. 172 с. Сокольникова, А.В. Конституционно - правовое обеспечение и защита прав вынужденных мигрантов в Российской Федерации:

**Ба гурӯҳи панҷум** мақолаҳои илмии дар масъалаҳои муҳоҷират, омилҳо, хусусиятҳо ва роҳҳои идоракунии он дар шароитҳои тағйирпазирии сиёсати дохилӣ ва берунии давлат дар раванди ҷаҳонишавӣ ва омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ дохил мешаванд. Мо метавонем олимони хориҷӣ ва ватаниро шомили ин гурӯҳ намоем ба монанди Г.А. Гелман, М.Ш. Маҳмадбеков, Ж.А. Зайончковская, ки оиди ангезаҳои сиёсии муҳоҷират ва таъсири он ба омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таҳқиқотҳои илмӣ намудаанд[21].

**Пойгоҳи манбавии таҳқиқот.** Омӯзиши мафҳум ва моҳияти муҳоҷират ҳамчун падидаи сиёсии замони муосир тақозо менамояд, ки аз сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ васеъ истифода намоем. Аз ин хотир мо сарчашмаҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем:

**Ба гурӯҳи якуми** манбаъҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мисли Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаҳои созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳои ба имзо расонидаи миёни Ҷумҳурии

---

Дисссертатсия. канд. юрид. наук. / [Текст]. А.В. Сокольникова // - Саратов, 2004. 198 с. Понежина Л.Ю. Политико-правовой режим мигрантов в контексте либерально-демократической трансформации российской государственности: Теоретико-правовой аспект/ [Текст] Л.Ю Понежина Дисс.к.ю.н. – Ростов, 2004. 167 с;

[21]Гельман, Г.А. Современные проблемы миграции населения в Центральной России. Центральная Россия на рубеже XXI века. / [Текст] Г.А. Гельман // - М.: Орёл, 1996. Т.1. - С.166-173; Маҳмадбезода, М.Ш. Совершенствование отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерации в сфере трудовой миграции населения». [Текст] / М.Ш. Маҳмадбезода, // Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. Душанбе-2019. № 2 С.165-170; Маҳмадбезода, М.Ш. Проблемы экологический миграции и пути их решения. [Текст] / Маҳмадбезода, М.Ш. // Журнал «Экономика Таджикистана». Душанбе – 2018. №2. С. 83-89; Маҳмадбезода, М.Ш. Последствия финансового кризиса в Российской экономике и его влияние на трудовых мигрантов Таджикистана. [Текст] / Маҳмадбезода, М.Ш. // Научный журнал государственного учреждения “Научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения”, Душанбе – 2016, №3(30). С. 110-116; М.Ш. Маҳмадбеков «О тенденциях, факторах и последствиях внешнеи трудовой миграции» / [Текст]. М.Ш. Маҳмадбеков // Ахбори. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинова, АМИТ. – Душанбе, 2018. №3. С. 190-196. Зайончковская Ж.А. Вынужденные мигранты из стран СНГ и Балтии. [Текст] Ж.А. Зайончковская // -М: СОЦИС. 1998. №6. С.55-64.

Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷират дохил мешаванд[22].

**Ба гурӯҳи дуввум** паёмҳо, фармонҳо, маҷмӯи асарҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил мешаванд[23].

---

[22]Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноября соли 1994 (бо охирин тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016) [Матн]. – Душанбе, Ирфон, 2016. – 64 с. Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Душанбе, Ирфон, 2005. – 400с.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», №881, аз 11.12.1999, Маҷлиси Олии ҶТ ва оид ба ворнд намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» №31, аз 10.05.2002. Соглашение «Между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Российской Федерации о трудовой деятельности и защите прав граждан Республики Таджикистан в Российской Федерации и граждан Российской Федерации в Республики Таджикистан». [Текст]. от 16 октября 2004 г.

[23]Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Э.Раҳмон. - Душанбе: Ирфон, 2012. -Ҷилди 11. (2010, июл– 2011, август). - 575 с.; Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 12 (2011, 25 август– 2012, 27 октябр) / Э.Раҳмон. -Душанбе: Ирфон, 2016. - 560 с.; Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 13 (2012, 27 октябр– 2013, 29 сентябр) / Э.Раҳмон. –Душанбе: Ирфон, 2016. – 560 с.; Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 14 (2013, 1 октябр– 2014, 6 октябр) / Э.Раҳмон. –Душанбе: Ирфон, 2017. – 576 с.; Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат: ҷилди 15 (2014, 6 октябр– 2015, 29 сентябр) / Э.Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. - 576 с.; Раҳмон Э. Суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2012. - 79 с.; Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», шаҳри Душанбе, 22 декабри соли 2017 / муҳаррирон: О.Э.Раҳмон, А.Асадзода. - Душанбе, 2017. - 47 с.; Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель», 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. - 374 с. Рахмонов Э. Ш. Таджикистан на пороге будущего / Э. Ш. Рахмонов // Сборник выступлений Президента РТ в СМИ России. – М., 1997.; Рахмонов Э. Ш. Юбилей независимости и второй форум таджиков / Э. Ш. Рахмонов – Душанбе, 1993. – 40 с.; Рахмонов Э. Ш. Наша цель – национальное единство / Э. Ш. Рахмонов. - Душанбе, 1997. – 72 с.; Э. Раҳмон. Суханронӣ дар вохурӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи биноии нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 15 марти соли 2013.;

**Ба гурӯҳи сеюм** маълумоти омории барӯйхатгирии аҳолии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин бойгонии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи муҳоҷиратро дохил кардан мумкин аст[24].

**Ба гурӯҳи чорум** манбаъҳои электронии сомонаҳои расмии интернетии ҳуҷҷату маводи сомонаҳои расмии Созмони Миллали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Хазинаи байналмилалии асъор, Созмони ҷаҳонии меҳнат, Созмони ҷаҳонии муҳоҷират дохил мегарданд[25].

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо нақшаи кори илмии шуъба.** Диссертатсия мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи масоили сиёсии муносибаҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти унвони “Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират” барои солҳои 2017 – 2021 анҷом дода шудааст.

**Ҳадафи диссертатсия:** омӯзиши раванди муҳоҷират миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва муайян намудани норасоиҳо ва пешниҳоди роҳҳои идоранамоии он мебошад.

---

[24]Бойгонии барӯйхатгирии аҳолии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Папкаи омории барӯйхатгирии аҳолии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020, 234с; Бонки миллии Тоҷикистон. Папкаи малумотҳои ҳисобӣ воридот ва содироти аҳолӣ барои солҳои 2015-2018, 156 с; Бойгонии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Папкаи “Муҳоҷиртаи дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2018”, 175 с.

[25]Сомонаи расмии Созмони Милали Муттаҳид. [Текст] / [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.un.org/ ecosooc/unido (санаи муроҷиат: 12.08.2018); Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид. [Матн] / [Манбаи электронӣ]. Сомонаи Созмони Милали Муттаҳид. [Текст] / [Манбаи электронӣ]. URL: http: //www.un.org/ru/ charter-united-nations/index.html (санаи муроҷиат: 01.04.2018).; Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид (8 сентябри соли 2000 дар маҷлиси умумии Созмони Милали Мутаҳид тасдиқ шудааст). [Текст] / [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president/kremlin.ru/ events/99.html (санаи муроҷиат: 01.05.2018); Иштироккунандагон Эъломияи Алмааторо дар барқарории 60 солагии Комиссия қабул намуда, радифи ин муносибати байналхалқии давлатҳои минтақа ибрози назар намуданд. [Матн] [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.un.org/russian/news (санаи муроҷиат: 01.05.2018); Сомонаи расмии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. [Текст] / [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.cis.minsk (санаи муроҷиат: 12.08.2018); Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ҷаҳон. [Текст] / [Манбаи электронӣ]. http://www.regnum.su/look/ cae8ec20d5e0ea2dd1f3/ (санаи муроҷиат: 20.12.2018).

Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур чунин **вазифаҳо** гузошта шудаанд:

– таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологии муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ;

– омӯзиши заминаҳо ва омилҳои муҳоҷиршавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани роҳҳои мукаммалгардонии механизми идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират миёни Тоҷикистону Россия;

– таҳлили вазъи сиёсӣ ва равандҳои муҳоҷират дар фазои давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

– таҳқиқи ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ва риояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ;

– баррасии сиёсати муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир;

**Объекти таҳқиқот:** робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷиратро ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот:** раванди муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия дар шароити муосири рушди омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографиро ташкил медиҳад.

**Навгониҳо дар диссертатсия:** Навгонии илмии таҳқиқотии рисола дар ошкорсозии хомияти назариявӣ-методологии муҳоҷирати аҳолӣ бо дарназардошти хусусият ва муқаррароти бозори меҳнати мамлакат ифода меёбад. Навовариҳои нисбатан муҳимми таҳқиқотӣ инҳо мебошанд:

– масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва сиёсии равандҳои муҳоҷират дар ҷаҳони муосир таҳқиқ ва асоснок карда шудаанд;

– вазъи сиёсӣ ва равандҳои муҳоҷират дар фазои давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– моҳият ва хусусиятҳои инкишофи раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуд;

– масъалаҳои идоракунии муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фердератсияи Россия мавриди таҳқиқ каррор гирифт;

– заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар мисоли равобити Тоҷикистону Россия таҳқиқ ва асоснок карда шуд.

– самтҳои асосии сиёсати муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор гирифт.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

–таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва тамоюлҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ равона гардидааст;

–таҳлили вазъи сиёсӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар фазои давлатҳои ИДМ ва қарорҳои қабулкардашуда дар боби муҳоҷирати меҳнатӣ вобастагӣ дорад;

–муҳоҷирати меҳнатӣ хусусиятҳои гуногунро дорост, дарк ва омӯхтану таҳлили ҷанбаҳои мухталифи он ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро беҳтар намуда, ба онҳо шароити арзандаро фароҳам оварем;

–муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз кишвар фаъолият менамоянд, ба иқтисодиёти кишвари қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ба кишварҳои равонкунанда манфиатовараст;

–омода намудани муҳоҷирони меҳнатӣ вобаста ба талаботи ҷаҳонӣ таъмини ҳуқуқу озодиҳои онҳо, беҳтар намудани шароити арзанда ва омода намудани онҳо ҳамчун шахси ихтисосманд, дар асоси талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат арзёбӣ мегардад;

–омузиш ва таҳлили самаранокии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар замони муосир мебошад;

**Асосҳои методологии таҳқиқот:** Дар раванди таҳқиқот чунин методҳои таҳлилӣ истифода шудаанд: методи таърихӣ, муқоисавӣ, микдорӣ, вазифавӣ ва ғайраҳо.

Методи таърихӣ сабабҳои аввалини муҳоҷирати аҳолӣ ва таъсири мутақобилаи онҳоро дар марҳилаҳои муайяни таърихи башарият меомӯзад. Ҳамчунин ин метод имконият медиҳад, ки таъсири муҳоҷирати аҳолӣ дар марҳилҳои гуногун таърихӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Методи муқоисавӣ ба мо имконият дод, то хусусиятҳои хоси масъалаҳои таъсироти муҳоҷирати аҳолиро дар шароити дигаргуншавии ҷомеа таҳқиқ намоем.

Тавассути методи миқдорӣ мо муҳоҷирати аҳолӣ ва қисматҳои гуногуни онро таҳлил намуда, инчунин омилҳои асосии муҳоҷирати миллати тоҷикро муайян намудем.

**Асосҳои назариявии диссертатсия:** дастурамалҳои илмӣ вобаста ба масъалаҳои муҳоҷират, асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар бораи танзими равандҳои муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ бо дар назардошти ҳуқуқи фард ба интихоби озоди макони зист ва г.

**Аҳамияти амалии диссертатсия:** дар он аст, ки натиҷаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар рисола омадааст, татбиқи амалии худро дар базаи қонунгузории таҳқиқоти соҳа ва ҳамчунин дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятии соҳаи танзими ҷараёни муҳоҷират бо дарназардошти манфиатҳои мамлакат пайдо кунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавонем дар тадриси фанҳои гуманитарӣ, аз ҷумла, сиёсатшиносӣ, сотсиологияи меҳнат, геополитика, муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин дар низоми омодасозӣ ва бозомӯзию такмили ихтисоси мутахассисони соҳа истифода намоем.

**Эътимоднокии натиҷаи диссертатсия:** истифодаи мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда, ва ҳаҷми иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба аспирант имконият фароҳам овард, ки таҳлили амиқро дар танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар замони муосир амалӣ созад.

**Саҳми шахсии довталаб:** Нуктаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза карда шудааст. Мақолаҳои муаллиф дар солҳои 2017-2020 дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи милли Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар иниститутҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба тариқи маърӯза пешниҳод гардида рӯйи чоп омадаанд.

**Соҳаи таҳқиқот**: диссертатсия дар мавзӯи “Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.00.04 - масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мутобиқат менамояд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:** Давраи иҷроиши рисолаи диссертатсионӣ солҳои 2017-2020-ро дар бар мегирад.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот**: Мазмуни асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конфронсу семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ дошта, дар шаҳри Душанбе, дар давоми солҳои 2017-2020 пешниҳод ва баррасӣ карда шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертант:** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти илмии марбута диссертант 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногун, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 3 мақола илмӣ-оммавӣ нашр кардааст.[26]

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи истилоҳот иборат аст. Диссертатсия дар 178 саҳифаи матни компютерӣ омода шуда, дорои ҷадвалҳо, расмҳо ва диаграммаҳо мебошад.

## ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** муҳимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯхташавии масъала таҳлил шудааст ва ҳадафу вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, предмет, объект, асосҳои методологӣ, аҳамияти назариявӣ-амалии таҳқиқот муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Тамоюлҳои асосии рушди равандҳои муҳоҷират дар кишварҳои ИДМ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввал **«Масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва сиёсии равандҳои муҳоҷират дар ҷаҳони муосир»** номгузорӣ шуда, муаллиф ҷанбаҳои назариявии тамоюлҳои муҳоҷирати меҳнатиро дар заминаи омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар асоси сарчашмаҳо ва оморҳои расмӣ таҳлил ва баррасӣ намудаст.

Яке аз масъалаҳои, муҳиме ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда ва дар раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳои муосирро халал ворид менамояд, масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ мебошад. Муҳоҷирати аҳолӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши муҳимро бозида он ҳамчун

---

[26]Шеров Ш.С. «О тенденциях, факторах и последствиях внешнеи трудовой миграции» [Текст] / Ш.С. Шеров, М.Ш. Маҳмадбеков // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинова, АМИТ. – Душанбе, 2018. №3. 190-196; Ҳамин муаллиф, «Некоторые аспекты миграции населения и её современные тенденции» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. №2. С. 273-279; Ҳамин муаллиф, “Хусусиятҳои раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Идоракунии давлатӣ., маҷалаи илмӣ-сиёсии АИДНПҶТ. – Душанбе, 2020. №1. С. 120-129; Ҳамин муаллиф, Вазъи сиёсӣ ва равандҳои муҳоҷират дар фазои давлатҳои ИДМ. // Идоракунии давлатӣ., маҷалаи илмӣ-сиёсии АИДНПҶТ. – Душанбе, 2020. № 3/2. С, 257-267.

манбаи асосии робитаҳои байни давлатӣ дар шароити муосир таъсири худро мерасонад ва боиси инкишофи соҳаҳои ҳаёти шаҳрвандон, алалхусус иқтисодӣ, ичтимоӣ, сиёсӣ мегардад. Яъне барои пешравии ҷомеа ва давлат дар раванди ҷаҳонишавӣ омилҳо ба мисли муҳоҷират лозим меояд, то таъсири худро дар соҳаҳои иқтисодию ичтимоӣ ва сиёсӣ бештар бирасонад.

Муҳаққиқи тоҷик Маҳмадбеков М.Ш дар китоби худ "Муқаддимаи муҳоҷиратшиносӣ" кӯшиш намудааст, то таърифи мукаммале, ки дарбаргирандаи тамоми намудҳои муҳоҷират - ҳам қонунӣ, ҳам ғайриқонунй, ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ бошад ва дар шароити иқтисодии гузариш ва раванди ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳоро таҷассум намояд пешниҳод кунад: «Муҳоҷирати аҳолӣ - ин муҳаррикии фардҳо ва гурӯҳҳои одамон аст, ки зимни он убури сарҳадоти маъмурӣ ё давлатӣ бо тағйир ё бе тағйири (муҳоҷирати ғайриқонунӣ) макони доимии сукунат сурат мегирад»[27]. Аз ин бармеояд, ки муҳоҷир дар раванди ҳиҷрат намуданаш ба ду навъ тақсим мешаванд, қонунӣ ва ғайриқонунӣ:

Шарҳи гуногуни мафҳуми ва моҳияти муҳоҷират аз тарафи муҳақиқон боиси шакл ва сабаби зиёди муҳоҷирати аҳолӣ гашт. Муҳаққиқон Козински Р., ва Прозеро М., андешаҳои донишмандонро гирд оварда, таснифи васеътари намудҳои муҳоҷиратро пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла нисбати моҳияти муҳоҷират чунин меоранд: «Муҳоҷиратро бояд аз рӯи меъёру натиҷаҳои гуногун баррасӣ кард. Онро ба намудхои зерин тақсимбандӣ кардан мумкин аст: аз рӯи тӯлоният (муваққатӣ ва доимӣ); аз рӯи масофа (дур ё наздик); аз рӯи убури сарҳад (дохилӣ ё хориҷӣ); аз рӯи ҷалби ҳудудӣ (минтақавӣ, вилоятӣ, кишварӣ); аз рӯи қабули тасмим (ихтиёрӣ, аз ноилоҷӣ, иҷборӣ); аз рӯи теъдоди ҷалбшудагон (инфиродӣ, оммавӣ); аз рӯи таркиби ичтимоии муҳоҷирон (оилавӣ, қавмӣ, инфиродӣ); аз рӯи ташкили сиёсии муҳоҷират (кафолатӣ, ихтиёрӣ); аз рӯи сабаб (иқтисодӣ ва сабабхои дигар); аз рӯи мақсад (навписандӣ, анъанавӣ)»[28].

**Дар зербоби дуюми боби аввал «Вазъи сиёсӣ ва равандҳои муҳоҷират дар фазои давлатҳои ИДМ»** раванди ба роҳ мондани муносибатҳо миёни кишварҳои ИДМ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ

---

[27]Маҳмадбеков, М.Ш. Муқаддимаи муҳоҷиратшиносӣ. / [Матн] М.Ш. Маҳмадбеков – Душанбе, матбааи ДМТ. 2013. – С-87

[28]Kosinski R. Prothero M. "People on the move". Studies on internal migration, edited by Leszek A., By Methuen & Co Ltd. [text] / R. Kosinski M. Prothero. London, 1975.p-9.

ва ба вуҷуд омадани қонунҳо нисбати рафту омади муҳоҷирон, инчунин сиёсати муҳоҷирати кишварҳои содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ мавриди барасӣ қарор дода шудааст.

Ба оғози тезутунди раванди соҳибихтиёргардии давлатҳои нав нигоҳ накарда, фазои муҳоҷиратии барои кишварҳо дар гузашта монда, барои аксари аҳолии он то ҳол умумӣ боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин, убури сарҳади байни кишварҳои ИДМ раводид талаб намекунад. Қисми асосии ҷойивазкунии муҳоҷирати бурунмарзӣ аз кишварҳои ИДМ дар дохили Иттиҳод амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ дарки равандҳои муҳоҷират дар кишварҳои алоҳидаи берун аз ҳудуди ИДМ душвор мебошад[29].

Байни кишварҳои ИДМ, Россия мавқеи бартарро дар қабули муҳоҷирони меҳнатӣ касб менамояд. Вобаста ба ин барои ҳамаи кишварҳои ИДМ мувофиқи мақсад ва зарурӣ мебуд, ки Федератсияи Россия ҳамчун кишвари қабулкунанда механизмҳои қонунгузории мубориза бар зидди истисмори муҳоҷиронро тарҳрезӣ менамуд. Зеро маҳз дар Россия аксарии муҳоҷирон ғайриқонунанд.

Боби дуюми дисертатсия «**Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия»** ном дошта аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали боби дуюм «**Моҳият ва хусусиятҳои инкишофи раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, дар он раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва хусусиятҳои он аз аввали соҳбистиқлолии кишвар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Ба андешаи мо фаъолнокии муҳоҷират дар охири асри ХХ дар таърихи мамлакатҳои дорои иқтисоди гузаришӣ нахустин нест. Мавҷҳои муҳоҷират дар гузашта низ ба онҳо хос буд. Масалан, дар ибтидо ва миёни асри ХХ ба сабаби ҷангҳои ҷаҳонӣ, махсусан солҳои 1990 бо шурӯи давраи гузариш дар кишварҳои собиқ ИҶШС қонунгузории муҳоҷират дар ҳама ҷо либералӣ шуданд ва рафти муҳоҷиршавӣ ба афзоиш шурӯъ кард. Маҳз дар ҳамин давра дар Тоҷикистон коркарди назариявии амиқи масъалаҳои муҳоҷирати байналхалқӣ шурӯъ шуд. Тағйири макон кардани қувваи корӣ ҳамчун омили муҳими истеҳсолот ба суръати рушди устувор таъсири назаррас дорад. Меҳнати мутахассисони сатҳи баланд ҷузъи бозори ҷаҳонии меҳнат - махсусан он қисматеро ташкил медиҳад, ки фаъолона аз бартариятҳои афзояндаи зудҳаракатии аҳолӣ истифода

---

[29]Зайончковская Ж. Миграционные тренды в СНГ: итоги десятилетия. / [Текст] Ж. Зайончковская // Миграция в СНГ и Балтии через различие проблем к общему информационному пространству. – М., 2001-С 173.

мебарад. Стратегияи зудҳаракатии аҳолӣ, ки тамоили рушди фазои ҳаётии фаромиллӣ ва бештар аз як ҷои доимии истиқоматиро доранд, фаҳмиши анъанавии муҳоҷирати байналхалқиро таҳти суол қарор додаанд.

Афзоиши доимии муҳоҷирати аҳолӣ дар миқёси ҷаҳонӣ мушоҳида мешавад. Тибқи арзёбиҳо ва ҳисобҳои расмии Созмони Байналмилалии Муҳоҷират солҳои 60-уми асри гузашта шумораи умумии муҳоҷирон дар ҷаҳон 65 млн нафарро ташкил медод. Соли 2017 ин шумора то 214 млн афзуда, тибқи ҳисобҳо дар соли 2050 то 405 млн нафар мерасад[30].

Афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушоҳида мешавад. Тибқи маълумоти коркардшудаи варақаҳои муҳоҷирати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, анбуҳи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар соли 2016 барои кор ба хориҷ рафтаанд, 709,4 ҳазор нафарро ташкил дод,[31] ки дар муқоиса бо соли 2009 зиёд буд, зеро дар соли 2009 ин нишондод ба 627 ҳазор нафар баробар буд.

Сатҳи бениҳоят пасти музди меҳнат омили асосии хориҷ шудани муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон аст. Тибқи маълумоти Хадамоти шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ҷойҳои кории холӣ охири соли 2018 дар қиёс ба соли 2014 қариб ду баробар кам шуда, 11,2 ҳазор ҷои кориро ташкил дод[32], ки мусалламан талаботи қувваи кориро қонеъ намекунад. Ҷараёни асосии муҳоҷирати меҳнатии ҷумҳурӣ ба кишварҳои ИДМ равона шуда, аз он 95% мутааллиқ ба Федератсияи Россия аст. Шумораи боқимондаи муҳоҷирон ба кишварҳои хориҷи дуру наздик сафар мекунанд. 72% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон бештар аз 6 моҳ, 43,4% то 12 моҳ, 29,1% зиёда аз 12 моҳ ва танҳо 27,5% камтар аз 6 моҳ дар оила ҳузур надоранд.

Зербоби дуюми боби дуюм «**Масъалаи идоракунии муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия**» ном дорад, зеро имрӯз маъсалаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ

---

[30]Доклад о человеческом развитии в Центральной Азии, ПРООН, 2015, с. 159-188.[манбаиэлекторонӣ] http://europeandcis.undp.org/index.cfm? wspc= CAHD R2 015_ru) (санаи мурочиат 20.12.2017)

[31]Из отчетов Миграционной службы при Правительстве Республики Таджикистан. - Душанбе, 2010 год.

[32]Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (по результатам обследования рабочей силы июнь-июль 2019 года), Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Регионы Таджикистана 2017г. С-36.

вобаста ба стратегияи давлатӣ онро талаб менамояд, ки конунҳои марбути муҳоҷирон аз нав дида бароянд ва мавриди омӯзиш қарор гирад.

Раванди муҳоҷират, чуноне ки дар боло зикр намудем, ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, тарзи зист, некуаҳволии мардум, тавсифоти сифатию миқдории шуғли аҳолӣ, бекорӣ ва ғ. таъсири зиёд мерасонад. Дар баробари ин аксуламали робитаи мутақобила – проблемаҳои иқтисодии давраи гузариш низ мавҷуданд, ки ба дигаргуниҳои хусусият ва ҷараёни муҳоҷират таъсир расонида, дар маҷмӯъ, боиси фаъол шудани кӯчбандии аҳолии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ иқомат ихтиёр намудани онҳо мегардад[33].

Фақат баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон дар байни Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик 27 июни соли 1997 қисмати асосии иҷборан тарки ватан кардагон ва гурезагон ба ҷойиҳои зисти муқимии худ баргаштанд.

Аз лаҳзаи ба имзо расидани Созишномаи сулҳ раванди оммавии бозгашти гурезагон ба ватан оғоз ёфт. То соли 1998 ба ҷойи зисти муқимиашон 680,853 нафар баргаштанд. Аксари бозгаштагон онҳое ба шумор мерафтанд, ки дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тукрманистон паноҳгоҳ ҷуста буданд[34].

